МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ
ДАВРИ ЯКУМ

# Китобчаи ТЕСТ 2025

**Қисми А.3-2**

**Варианти**

- ☑ Забони тоҷикӣ
- ☑ Таърих
- ☑ Адабиёти тоҷик
- ☑ Забони хориҷӣ

# 3

## ДАСТУР

Саволнома аз чор субтест иборат аст: **забони тоҷикӣ**, **таърих**, **адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ**. Субтестҳои **забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик** ва **забони хориҷӣ** 25 саволу масъалаи пӯшида (бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат) ва субтести **таърих** 26 саволу масъала (24-то бо интихоби як ҷавоби дуруст ва муайян кардани мувофиқат ва 2-то кушода)-ро дар бар мегиранд.

Дар **саволу масъала бо интихоби як ҷавоби дуруст** чор гуна (вариант)-и ҷавоб дода мешавад, ки танҳо яктояш дуруст аст.

> **!** *Масалан, агар Шумо варианти “B”-ро ҷавоби дурусти савол интихоб кунед, пас онро дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*
>
> **A B C D**<br>○ ● ○ ○

Дар **саволу масъала барои муайян кардани мувофиқат** ба ҳар унсури дар сутуни чап додашуда (калима, ибора, ҷумла ва ғайра) аз унсурҳои сутуни рост, ки яктоаш зиёдатист, унсури мувофиқ интихоб карда мешавад.

> **!** *Масалан, агар ба унсури “A”, ба фикри Шумо, ҷавоби мувофиқ рақами 2, ба унсури “B” рақами 4, ба унсури “C” рақами 1 ва ба унсури “D” рақами 5 бошад, дар варақаи ҷавобҳо ин гуна ишора намоед:*
>
> | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
> |---|---|---|---|---|---|
> | **A** | ○ | ● | ○ | ○ | ○ |
> | **B** | ○ | ○ | ○ | ● | ○ |
> | **C** | ● | ○ | ○ | ○ | ○ |
> | **D** | ○ | ○ | ○ | ○ | ● |

Ҷавоби **саволу масъалаи кушода** рақам(ҳо) мебоша(н)д, ки дар катаки махсуси варақаи ҷавобҳо навишта мешава(н)д.

> **!** *Масалан, агар Шумо соли* ***1917****-ро ҷавоби дуруст ҳисоб кунед, дар варақаи ҷавобҳо ин тавр нависед:*
>
> [1] [9] [1] [7]

Барои ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳои тест **190 дақиқа** муайян шудааст.

> **!** Пас аз шинос шудан бо дастур, ки маъмури имтиҳон хондааст, дар паси варақаи ҷавобҳо ҷумлаи **«*Бо тартиби гузаронидани имтиҳон шинос шудам*»-ро нависед** ва **имзо гузоред**.
>
> Дар вақти иҷрои тест **бодиққат бошед**.
>
> Ҷавобҳоро аввал дар китобчаи тест **ишора намоед/нависед.**
>
> Агар дар ҷавоб ёфтан ба ягон саволу масъала душворӣ кашед, **саросема нашавед** ва **ба ҳаяҷон наомада**, ба иҷрои тест идома диҳед. Пас аз ҷавоб гуфтан ба дигар саволу масъалаҳо ба саволу масъалаи бароятон душвор **баргардед.**

## ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ВАРАҚАИ ҶАВОБҲО

- пеш аз ҷавоб додан ба саволҳо ва ҳалли масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо **рақами варианти китобчаи тести худро ишора намоед**;
- ҷавобро дар варақаи ҷавобҳо мувофиқи тартиби пур кардани варақаи ҷавобҳо, чунонки дар боло нишон дода шуд, **ишора намоед/нависед;**
- **аз ёд набароред,** ислоҳ намудани ҷавоб дар варақаи ҷавобҳо **МУМКИН НЕСТ** – ҷавоби ба тарзи дигар ишорагардида/навишташуда ва ислоҳгардида **ба назар гирифта намешавад**;
- пеш аз супоридани варақаи ҷавобҳо бори дигар **боварӣ ҳосил намоед**, ки ҷавоби ҳамаи саволу масъалаҳо дар варақаи ҷавобҳо ишора/навишта шудааст.

**Варақаи ҷавобҳоро** ҳатман ба маъмури имтиҳон супоред, онро аз синфхона баровардан **МУМКИН НЕСТ**.

| ! | Варақаи ҷавобҳо такроран дода намешавад. |
|---|---|

| ! | Амалҳои зерин дар рафти имтиҳон МАНЪ АСТ:<br>• гуфтугӯ, ёрӣ додан, халал расонидан ба ҳамдигар ва (ё) истифода кардан аз ёрии шахсони дигар дар иҷрои саволу масъалаҳои тест;<br>• иваз кардани ҷойи нишаст, китобчаҳои тест, варақаҳои ҷавобҳо ва ҳар гуна навиштаҳои ҳамдигар;<br>• гузоштани қайду ишораҳои ба имтиҳон дахлнадошта дар варақаи ҷавобҳо, аз ҷумла, дар ҳошияҳои он;<br>• аз синфхона баровардани варақаи ҷавобҳо ва китобчаи тест (китобчаи тестро танҳо пас аз супоридани варақаи ҷавобҳо ба маъмури имтиҳон бо худ баровардан мумкин аст).<br>Дар ҳолати вайрон кардани ин талабот мутасаддиён ҳуқуқи аз имтиҳон хориҷ кардани Шуморо доранд. |
|---|---|

| ! | Фаромӯш накунед:<br>• нусхаи электронии варақаи ҷавобҳои Шумо пас аз дастрас шудани варақаҳои ҷавобҳо ба Марказ дар кабинети инфиродиатон гузошта мешавад;<br>• ҷавобҳои дуруст (калид)-и саволу масъалаҳои тести дар имтиҳон истифодашуда **бегоҳи рӯзи имтиҳон** дар сомонаи Марказ (www.ntc.tj) нашр карда мешаванд;<br>• аз натиҷаи имтиҳонҳо ба Шумо рӯзи 21-уми июл хабар медиҳанд. |
|---|---|

***Ба Шумо комёбӣ мехоҳем!***

**1** **Дар байти зерин кадом калима ҳамсадои талаффузнашаванда дорад?**
***Касе, к-ӯ бовари халқро арзанда мегардад,***
***Ба ҳар кас дӯстрӯ, ҳар хонаро зебанда мегардад.*** М. Турсунзода

**A)** зебанда
**B)** бовар
**C)** арзанда
**D)** дӯстрӯ

**2** **Дар ибораҳои додашуда кадом калима бо ҳарфи *у* навишта мешавад, на бо *ӯ*?**

**A)** фурӯғи илм
**B)** шӯълаи чароғ
**C)** шӯхи беқарор
**D)** хӯшаи гандум

**3** **Дар калимаи *хомӯшӣ* садоноки *ӣ* кадом вазифаро иҷро намудааст?**
***Беҳ аз хомӯшӣ ҳеҷ пироя нест.***

**A)** пасванди исмсоз
**B)** пасванди зарфсоз
**C)** пасванди шаклсоз
**D)** пасванди сифатсоз

**4** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ҷуфти ҳаммаънои *афту андом*ро гузоред:**
***Аммо дар деҳа бо ин ... гаштани вай хатар дошт.*** С. Улуғзода

**A)** сару рӯ
**B)** сару либос
**C)** хулқу атвор
**D)** шаклу шамоил

**5** **Ибораро бо зидмаънои калимаҳои *ғам, андуҳ* пурра кунед: *рӯзи* ...**

**A)** низоъ
**B)** нишот
**C)** ниқор
**D)** висол

**6** **“*Қувва ва ғайрати тоза пайдо намудан*” маънои кадом ибораи фразеологӣ аст?**

**A)** касеро боло бардоштан
**B)** болои гапро пӯшидан
**C)** босару сомон будан
**D)** болу пар баровардан

**7** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**
***Модар косаро ба рӯйи пештахта гузошта худ боз ба берун ... .***
Аз “Тоҷикистони советӣ”

**A)** чашм песонд
**B)** чашм пӯшид
**C)** чашм расид
**D)** чашм партофт

**8** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***Қофия калимаи арабӣ буда маънои қафо, аз пас равандаро дорад. Айнан ва ё қисман бетағйир такрор шудани овозҳо ва ё қисми калима дар охири байт қофия номида мешаванд.*** Аз “Муқаддимаи адабиётшиносӣ”

**A)** публитсистӣ
**B)** расмӣ-коргузорӣ
**C)** бадеӣ
**D)** илмӣ

**9** **Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз *сифат* ва *исм* сохта шудаанд?**

**A)** ошпаз, сартарош
**B)** даводав, пурсупос
**C)** зебосанам, ҷавонзан
**D)** модаркалон, хушдоман

**10** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ҷонишини мувофиқ гузоред:**

***Аммо баъд аз дақиқае ба ... омадам, ҳатто ба коргар чизе гуфтанӣ шуда даҳон кушодам, вале овозам набаромад.*** П. Толис

**A)** худ
**B)** хеш
**C)** вай
**D)** ҳама

**11** **Ба ҷойи сенуқта *сифати сохтаи* мувофиқро гузоред:**

***Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки мардуми ... доим бесуд бошад, чун муғелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайраро.*** Унсурулмаолии Кайковус

**A)** боҳунар
**B)** беҳунар
**C)** ҳунарманд
**D)** ҳунарвар

**12** **Ба ҷойи сенуқта *шумораи тартиби*ро гузоред:**

***Мартабаи ... ба бардошта тавонистанам чашмам нарасида монд.*** С. Улуғзода

**A)** ду
**B)** як-ду
**C)** сеюм
**D)** яку ду

**13** **Сиғаи феъли ишорашудаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***- Воҳима накун, аскарони сурх омада бошанд, хайр, гузашта <u>рафтагистанд</u>.***
К. Мирзоев

**A)** амрӣ
**B)** хабарӣ
**C)** эҳтимолӣ
**D)** шартию хоҳишмандӣ

**14** **Ба ҷойи сенуқта ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

***Дар он лаҳзаҳои душвор зану фарзандонаш пеши назар омаданд.***
***... боз як бор онҳоро медид.*** К. Мирзоев

**A)** наход
**B)** ҳатто
**C)** танҳо
**D)** кошки

**15** **Ибораи *бағоят хушнуд шудан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ
**B)** алоқаи ҳамроҳӣ
**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ
**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**16** **Ҷумлаи хулласро муайян намоед:**

**A)** Ҷӯянда ёбанда аст. Зарбулмасал
**B)** Мо ба сайргоҳ рафтем. С. Айнӣ
**C)** Дили ман ҳам санг нест. С. Улуғзода
**D)** Одамон ҳоло нарафта истодаанд. Ф. Муҳаммадиев

**17** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**
***Мӯйсафед аз ҷояш нахест, чизе нагуфт, хомӯш нишаст.*** Аз “Садои Шарқ”

**A)** хабар
**B)** ҳол
**C)** пуркунанда
**D)** муайянкунанда

**18** **Ба ҷойи сенуқтаи аввал ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**
***Мардум аз ғаму дард ... сӯхта мегуфтанд: ... .*** А. Самад

**A)** тез-тез
**B)** пеш-пеш
**C)** дарун-дарун
**D)** замон-замон

**19** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

**A)** Ҳо ана - ҷониби ҷанубу ғарбии кӯҳпораро нишон дод Ҳасан. Р. Ҷалил
**B)** Афсӯс, ки гӯш накард, ана оқибат ба худаш ҷабр шуд. Ф. Ниёзӣ
**C)** Духтаракам, нури чашмам, - гуфт кампир. Ҳ. Карим
**D)** Нағз, ки ту ақаллан ҷойи умед дорӣ. Ӯ. Кӯҳзод

**20** **Кадом адиб аз вазъияти зиндагиаш чунин шикоят кардааст?**
***Мардум ба айшу шодию ман дар балои қарз,***
***Ҳар як ба кору борею ман мубталои қарз.***
***Фарзи Худову қарзи халоиқ ба гарданам,***
***Оё адои фарз кунам ё адои қарз?***

**A)** Носири Хусрав
**B)** Низомии Ганҷавӣ
**C)** Убайди Зоконӣ
**D)** Саъдии Шерозӣ

**21** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Дар гӯши ғунча саҳар бод омаду бигуфт:<br>“Дар ... диле, ки бӯйи вафо нест, хастанист ”. Саййидои Насафӣ | **1)** хеш |
| **B)** Ба заҳри ... агар даст оварӣ беҳ,<br>Ки аз шаҳди касон ангушт лесӣ. Абдурраҳмони Ҷомӣ | **2)** ҳама |
| **C)** Ба ... ҳампешаву ҳампеша бош,<br>Якдилу якрӯву якандеша бош! Абдурраҳмони Ҷомӣ | **3)** ҳар |
| **D)** Мисраъи барҷастаи оҳам ... к-истодааст,<br>Об гардад шамъ, гар дар анҷуман бинад маро. Зебуннисо | **4)** онон |
| | **5)** чунин |

**22** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:**

**A)** Ман бибиамро ... ёд кардам.
**B)** Одамон ... ба ҳар тараф пароканда шуданд.
**C)** Хонанда аз ҷавоби худ ... хурсанд буд.
**D)** Ҳавопаймо роҳи моро ... наздик гардонд.

**1)** дучанд
**2)** бисёр
**3)** ду-ду
**4)** як дараҷа
**5)** бағоят

**23** **Мувофиқати ибораҳоро вобаста ба сохторашон муайян намоед:**

**A)** баҳори дилфиреб
**B)** андешаи модарам
**C)** ҳамеша хушҳол
**D)** андак хӯрдагирона

**1)** исм + исм
**2)** исм + сифат
**3)** зарф + зарф
**4)** зарф + сифат
**5)** сифат+ сифат

**24** **Таҳлили синтаксисии ҷумла. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**
***Падарам ба писари понздаҳсолааш зорию тавалло мекард.*** С. Улуғзода

**A)** падарам
**B)** ба писар
**C)** понздаҳсолааш
**D)** зорию тавалло мекард

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**25** **Байтҳои зерин бо кадом зарбулмасалу мақол ҳаммаъноянд?**

**A)** Туро гуфтори ман имрӯз панд аст,
Чу май талх аст, лекин судманд аст.
Саноии Ғазнавӣ

**B)** Ҳар ки по аз ҳадди худ берун ниҳад,
Сар диҳад барбоду тан бар сар ниҳад.
Аттори Нишопурӣ

**C)** То надонӣ, ки сухан айни савоб аст, магӯй
В-он чӣ донӣ, ки на неку-ш ҷавоб аст, магӯй.
Саъдии Шерозӣ

**D)** З-ин чунин турраҳот даст бидор,
Кор кун, бигзар аз раҳи гуфтор!
Саноии Ғазнавӣ

**1)** Сухан дониста гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ.
**2)** Ҳарфи бисёрро бигзору амал кун.
**3)** Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст!
**4)** Гап зану муомила шунав.
**5)** Сухани рост ширин нест, аммо муфид аст.

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

**1** **Олотҳои меҳнат ба кадом аср марбутанд?**

**A)** асри оҳан

**B)** асри санг

**C)** асри биринҷ

**D)** асри мис



**2** **Асосгузори давлати Юнонии Бохтар.**

**A)** Аршак

**B)** Куруши Кабир

**C)** Селевк

**D)** Диодот

**3** **Ёдгории Тахти Сангин дар кадом ноҳия ҷойгир аст?**

**A)** Спитамен

**B)** Ҳамадонӣ

**C)** Қубодиён

**D)** Рӯшон

**4** **Соли 717 кадом воқеа ба амал омада буд?**

**A)** Шӯриши Сафедҷомагон бо сарварии Муқаннаъ

**B)** Шӯриши Деҳистон бо сарварии Фирӯз

**C)** Шӯриш бо сарварии Шарик ибни Шайх дар Бухоро

**D)** Шӯриш бо сарварии Ғӯрак дар Суғд

**5** **Сухан дар бораи кадом амири Сомониён меравад*: “Соли 893 ба муқобили бодиянишинон лашкаркашӣ намуда, шаҳри Таразро фатҳ намуд ва хони туркҳоро бо дарбориён ва 10 ҳазор сарбозаш асир гирифт ва ҳамин тариқ муддати тулонӣ тохтутози онҳоро ба Мовароуннаҳр пешгирӣ намуд”*?**

**A)** Насри II ибни Аҳмад

**B)** Исмоил ибни Аҳмад

**C)** Нуҳи I ибни Насри II

**D)** Абуиброҳим Мунтасир

| 6 | *“Соли 1118 давлати бузурги Салҷуқиён асосан ба ду қисм ҷудо шуд. Ба қисми якум Эрони Ғарбӣ, Озарбойҷон ва Ироқ дохил шуданд, ки пойтахташ шаҳри ... буд”.* |
|---|---|




**Шаҳре, ки дар матн сухан дар борааш меравад, дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**

**A)** 3
**B)** 4
**C)** 2
**D)** 1

| 7 | **Пайомади ғасби Ҳирот аз тарафи Темурланг дар соли 1381.** |
|---|---|

**A)** хотима ёфтани ҳукмронии сулолаи Шайбониён
**B)** аз байн рафтани давлати Ғазнавиён
**C)** таназзули давлати Куртҳои Ҳирот
**D)** барҳам хӯрдани давлати Салҷуқиён

| 8 | **Амалиёти бебарори лашкари Русия дар солҳои 1839-1840.** |
|---|---|

**A)** “ҷанги салибӣ”
**B)** “ҳуҷуми хевагӣ”
**C)** “Нақшаи Шлиффен”
**D)** “ҷанги муқаддас”

| 9 | ***Туман*** **чист?** |
|---|---|

**A)** андози давлатӣ
**B)** воҳиди ченак
**C)** шакли заминдорӣ
**D)** воҳиди маъмурӣ

**10** **Чунин вазъият пас аз кадом воқеа ба амал омада буд: *“... вазъият дар Бухоро боз мураккабтар гардид. Шахсони норозӣ дар атрофи писари калонии амир Музаффар – Абдумаликтӯра ҷамъ омада, ӯро амир эълон намуданд”*?**

**A)** барҳам дода шудани хонии Қӯқанд дар соли 1876
**B)** фоҷиаи суннимазҳабон ва шиамазҳабон дар соли 1910
**C)** валиаҳди амири Бухоро таъйин шудани Абдулаҳад дар соли 1882
**D)** имзои Шартномаи 23-юми июни соли 1868 байни Русия ва Бухоро

**11** **Кадом воқеа дар давраи ҳукмронии Абдулаҳад ба амал омада буд?**

**A)** ошӯби мардумӣ бо сарварии Пӯлодхон дар Қӯқанд
**B)** шӯриш бо сарварии Қаландаршоҳ
**C)** исёни Абдумаликтӯра
**D)** шӯриш бо сарварии Восеъ

**12** **Кадом воқеа 14-уми октябри соли 1924 ба амал омадааст?**

**A)** Қарор “Дар бораи тақсимоти миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна” тасдиқ шуд.
**B)** Қарори дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил додани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардид.
**C)** Қарори Анҷумани I муассисони умумибухороӣ дар бораи ташкил ёфтани Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро қабул гардид.
**D)** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС дохил шуд.

**13** **Кадом рӯйдод (раванд, падида) бо номи Шириншоҳ Шоҳтемур марбут аст?**

**A)** таъсиси Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон
**B)** таъсиси ҷамъияти “Дониш”
**C)** ташкили Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ дар Помир
**D)** татбиқи барномаи панҷсолаи азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ

**14** **Яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**A)** хусусигардонии амволи давлатӣ
**B)** аз худ намудани заминҳои бекорхобида ва лалмӣ
**C)** ҷорӣ намудани асъори миллӣ – сомонӣ
**D)** ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ

**15** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябр кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Парчами давлатӣ
**B)** Рӯзи Истиқлоли давлатӣ
**C)** Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон
**D)** Рӯзи Президент

**16** **Давлатҳои қадимтарини Миср дар кадом минтақа ташкил ёфтанд?**

**A)** нимҷазираи Осиёи Хурд
**B)** Байнаннаҳрайни Ҷанубӣ
**C)** водии дарёи Нил ва резишгоҳи он
**D)** нимҷазираи Апеннин

**17** **Ҷанги Шимолӣ (1700-1721) байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** Эрон ва Ироқ
**B)** Шветсия ва Русия
**C)** ИМА ва Ҷопон
**D)** Англия ва Фаронса

**18** **«Исёни биринҷ» дар кадом кишвар ба амал омада буд?**

**A)** Ҷопон
**B)** Ҳиндустон
**C)** Чин
**D)** Эрон

**19** **Кадом воқеа аз рӯйи тартиби хронологӣ БАЪТАР ба амал омада буд?**

**A)** хотимаи Ҷанги дуюми ҷаҳон
**B)** сохтмони "Девори Берлин"
**C)** заволи ИҶШС
**D)** ғалабаи инқилоби исломӣ дар Эрон

**20** **Дар натиҷаи заволи кадом давлат кишварҳои дар харита инъикосгардида истиқлолият ба даст овარданд?**




**A)** Австро-Венгрия
**B)** Британияи Кабир
**C)** Итиҳоди Шуравӣ
**D)** Югославия

**21** **Мувофиқати истилоҳ ва мазмуни онро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** диндабира | **1)** меъёри вазн |
| **B)** кай | **2)** макони дафни майит |
| **C)** дахма | **3)** унвони шоҳони аввалини ориёӣ |
| **D)** палеолит | **4)** алифбо |
| | **5)** марҳилаи асри санг |

**22** **Мувофиқати ҳоким ва давлатро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Отсиз | **1)** Хоразшоҳиёни Бузург |
| **B)** Шиҳобуддини Сурӣ | **2)** Ғуриён |
| **C)** Хоҷа Алии Муайид | **3)** Куртҳои Ҳирот |
| **D)** Ғиёсуддин Пиралӣ | **4)** Саффориён |
| | **5)** Сарбадорони Хуросон |

**23** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** солҳои 1599-1753
**B)** солҳои 1867-1917
**C)** солҳои 1501-1599
**D)** солҳои 1753-1920

**1)** давлати Ҷониён
**2)** давлати Манғития
**3)** давлати Шайбониён
**4)** давлати Темуриён
**5)** генерал-губернатории Туркистон

**24** **Мувофиқати воқеа (раванд, падида) ва пайомади онро муайян кунед:**

**A)** имзои созишномаи сулҳи Сан-Стефано (1878)
**B)** сулҳи Компъен (1918)
**C)** "ҷанги сард" (1946-1991)
**D)** амалҳои террористӣ дар Ню-Йорк ва Вашингтон (2001)

**1)** истиқлолият ба даст овардани Сербия ва Руминия
**2)** вуруди артиши ИМА ва иттифоқчиёнаш ба Афғонистон
**3)** таъсиси Созмони Муоҳидаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО)
**4)** анҷоми Ҷанги якуми ҷаҳон
**5)** таъсиси Давлати Шуравӣ

**25** ***"Ин девон масъул буд, ки хабарҳои зарурӣ ба гӯшаву канори давлат бирасанд. Барои расонидани хабар дар тамоми шаҳрҳо дар ҷойҳои махсус асп, шутур ва хачир гузошта шуда буд, ки номаҳоро то ба ҷои зарурӣ расонанд".***




**Девони Сомониён, ки дар матн сухан дар бораи он меравад, дар нақша бо кадом рақам ишора шудааст?**

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**26** **Воқеае, ки сухан дар бораи он меравад, кадом сол ба амал омада буд:** ***"Ин ҷунбиш махсусан дар Бухоро пурқувват буд ва дар ин ҷо шӯрише ба амал омад, ки бо номи Шӯриши Маҳмуди Торобӣ машҳур аст"?***

**Ҷавоб:** ☐☐☐☐

**1** **Кадом ҷумла хоси асарҳои насрие чун “Доробнома” аст?**

**A)** Муаллифи ахбору гузорандаи асрор аз ин қисса чунин ривоят мекунад ...
**B)** Дар яке аз мамлакатҳои Шарқ ҳунарманде буд, ки Хирадманд ном дошт ...
**C)** Дар замонҳои қадим як марди бечорае буд ...
**D)** Буд набуд як подшоҳ буд ...

**2** **Вобаста ба ин дубайтӣ аз адабиёти шифоҳӣ кадом хулоса дуруст аст?**

***Сари чашма расидам, нола кардам,***
***Назар бар хонаи ҷонона кардам.***
***Назар кардам, надидам ёри худро,***
***Гиребон то ба доман пора кардам.***

**A)** Ноумед нашудан аз шикастҳои рӯзгор ва мубориза бо сахтиҳои зиндагӣ талқин шудааст.
**B)** Шуҷоату нотарсии ҷавонмард аз набарди тан ба тан дар ҳимоят аз ватан баён шудааст.
**C)** Эҳсону саховатмандию дасткушодӣ аз хислатҳои беҳтарини инсонӣ шуморида шудааст.
**D)** Эҳсоси дурӣ ва дилтангии ҷавон дар роҳи ишқ ва дӯст доштани маҳбуба зебо тасвир шудааст.

**3** **Намунаи барҷастаи асари насрӣ дар асрҳои XIII-XIV.**

**A)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус
**B)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ
**C)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ
**D)** “Шарафномаи шоҳӣ”-и Ҳофизи Таниш

**4** **Охири умри Аттори Нишопурӣ ба кадом ҳодисаи таърихӣ рост омадааст?**

**A)** забткории арабҳо
**B)** истилои муғулҳо
**C)** забткории салҷуқиҳо
**D)** истилои шайбониҳо

**5** **Дар кадом санъати бадеӣ *калимаҳои ҳамшакл, аммо гуногунмаъно* истифода мешаванд?**

**A)** талмеҳ
**B)** тазмин
**C)** таҷнис
**D)** ташбеҳ

**6** **Дар байт асосан кадом санъати бадеӣ истифода шудааст?**

***Гаҳе чу шамъ кунам гиряҳои синагудоз,***
***Гаҳе чу субҳ занам хандаҳои хунолуд.*** Бадри Чочӣ

**A)** талмеҳ
**B)** ташбеҳ
**C)** истиора
**D)** тавсиф

**7** **Кадом адиби барҷастаи моро дар адабиётшиносии Ғарб ҳампоя ва баробар бо саромадони адабиёти ҷаҳон, аз ҷумла Ҳомер ва Данте, донистаанд?**

**A)** Низомии Ганҷавӣ

**B)** Унсурулмаолии Кайковус

**C)** Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Ҳофизи Шерозӣ

**8** **Аз рӯи муҳтаво “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ кадом бахшҳоро дар бар мегирад?**

**A)** асотирӣ, миллӣ, таърихӣ

**B)** асотирӣ, паҳлавонӣ, таърихӣ

**C)** асотирӣ, қадим, нав

**D)** қадимтарин, қадим, нав

**9** **Дар байт калимаи “новак” чӣ маънӣ дорад?**

***Ҳар кас, ки ба зулм кардан омӯхта шуд,***
***Аз новаки мазлум дилаш дӯхта шуд.*** Амир Хусрави Деҳлавӣ

**A)** тир

**B)** камон

**C)** нафъ

**D)** нур

**10** **Дар бораи ин асар гуфтаанд, ки *“муаллиф онро барои тарбия ва таълими фарзандаш Гелоншоҳ навиштааст”*. Он кадом асар аст?**

**A)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**B)** “Тӯтинома”-и Зиёуддини Нахшабӣ

**C)** “Қобуснома”- Унсурулмаолии Кайковус

**D)** “Футувватномаи султонӣ”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**11** **Аз рӯи мазмуни матн муайян кунед, ки он аз кадом асар аст?**

***Ҳар он сирре, ки дорӣ бо дӯст дар миён манеҳ, чӣ донӣ, ки вақте душман гардад ва ҳар газанде, ки тавонӣ, ба душман марасон, ки бошад, ки вақте дӯст шавад!***

**A)** “Зафарнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**B)** “Гулистон”-и Саъдии Шерозӣ

**C)** “Дастур-ул-мулук”-и Самардархоҷаи Тирмизӣ

**D)** “Қобуснома”-и Унсурулмаолии Кайковус

**12** **Ибни Сино дар кадом рубоияш, ки мисраи аввалаш оварда шудааст, ба бемағзию нотавонбинии ҳарифонаш ишорат намудааст?**

**A)** «Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал ...»

**B)** «Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст ...»

**C)** «Май душмани масту дӯст бо ҳушёр аст ...»

**D)** «Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд ...»

**13** **Мавзуи байт чист?**

***Ҳамнишини ту аз ту беҳ бояд,***
***То туро ақлу дониш афзояд.*** Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**A)** интихоби дурусти дӯст

**B)** васфи хоксорӣ ва тавозуъ

**C)** қавӣ будан дар роҳи мақсуд

**D)** ғанимат донистани вақт

**14** **Дар кадом асари Саъдии Шерозӣ масъалаи меҳру садоқати бепоён нисбат ба ватан, марзу бум ва ёру диёр бо эҳсосоти баланд баён шудааст?**

**A)** “Бӯстон”

**B)** қасидаи “Бозгашт”

**C)** “Гулистон”

**D)** ғазали “Бигзор то бигирям ...”

**15** **Идомаи мантиқии мисраи Раҳматуллоҳи Возеҳро муайян кунед:**

***Бар ғами бекасиям ҳеч касе сӯхт? - Насӯхт,***
**.......................................................................**

**A)** Тарки ҳамсуҳбатии аҳли даға кард? - Накард.

**B)** Дарди ушшоқи ҷигархора даво кард? - Накард.

**C)** Гузаре ҷониби арбоби вафо кард? - Накард.

**D)** Аз шиканҷи ситами чарх раҳо кард? - Накард.

**16** **Аз рӯи мазмуни байтҳо муаллифи онро муайян кунед:**

***Аё сайёд, шарме кун, маранҷон нимҷонамро,***
***Пару болам бикан, аммо масӯзон ошёнамро...***
***Дар ин кунҷи қафас дур аз гулистон сӯхтам, мурдам,***
***Хабар кун, эй сабо, аз ҳоли зорам боғбонамро...***

**A)** Садриддин Айнӣ

**B)** Абулқосим Лоҳутӣ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** Пайрав Сулаймонӣ

**17** **Садриддин Айнӣ байтҳои зеринро дар вафоти кадом адиб гуфтааст?**

***Дар даҳр баҳор асту хазон аст, валекин,***
***Афсӯс тавон хӯрд бар он гул, ки ҷавон рафт.***
***Аз мафҳили аҳбоб дар ин мотами ҷонсӯз***
***То абри сияҳ дудсифат оҳу фиғон рафт...***

**A)** Нақибхони Туғрал

**B)** Пайрав Сулаймонӣ

**C)** Абдулвоҳиди Мунзим

**D)** Садри Зиё

**18** **Ин ҷумлаҳо дар бораи кадом асаранд?**

***Драмаи манзум буда, дар ду баст ва чаҳор намоиш навишта шудааст. Дар он Саура, Зардушт, Гуштосп ва дигарон иштирок мекунанд.***

**A)** “Дақиқӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**B)** “Лаҳзаи ҷовид”-и Меҳмон Бахтӣ

**C)** “Алии сонӣ”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ

**D)** “Фирдавсӣ”-и Меҳмон Бахтӣ

**19** **Дар порчаи зерин аз романи “Восеъ”-и Сотим Улуғзода кадом хислатҳои Восеъ нишон дода шудааст?**

***“Худо туро одам офаридааст, агар туро хар карда савор шаванду ту ба ин тан диҳӣ, тоқат кунӣ, одам нестӣ. Офарандаатро муттаҳам кардаӣ.”***

**A)** меҳрубонӣ, некукорӣ

**B)** худшиносӣ, баномусӣ

**C)** хоксорӣ, пуртоқатӣ

**D)** инсондӯстӣ, худошиносӣ

**20** **Хулосаи муносиби байти Мирзо Турсунзодаро интихоб кунед:**

***Гулханеро, ки падарҳо дар раҳат афрӯхтанд,***
***Машъали тобандаи дастони пурэъҷоз кун.***

**A)** Бояд дар бораи падарҳои бузургамон шеъру достон сароем.

**B)** Барои қавӣ шудани дастҳо бояд ҳамеша онҳоро ба кор бурд.

**C)** Панди падаронро сармашқи зиндагию кори худ бояд кард.

**D)** Оташро дар ҳар ҷое набояд равшан кард; ҳар коре ҷой дорад.

**21** **Дар кадом жанри адабӣ навишта шудани асарҳоро муайян намоед:**

**A)** “Ҷанги тан ба тан” аз “Наводир-ул-вақоеъ”-и Аҳмади Дониш
**B)** “Мавҷҳои Днепр”-и Муъмин Қаноат
**C)** “Амир Исмоил”-и Сафармуҳаммад Айюбӣ
**D)** “Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ

**1)** қасида
**2)** достон
**3)** ҳикоя
**4)** намоишнома
**5)** ёддошт

**22** **Мувофиқатро муайян кунед:**

**A)** Убайди Зоконӣ
**B)** Камоли Хуҷандӣ
**C)** Алишери Навоӣ
**D)** Ҳофизи Шерозӣ

**1)** шоири зуллисон
**2)** “Лисон-ул-ғайб”
**3)** муаллифи “Ришнома”
**4)** адиби ғариб
**5)** “Пайғамбари ғазал”

**23** **Дар байтҳои зерини Абдурраҳмони Ҷомӣ ба кадом масъалаҳо ишорат шудааст?**

**A)** Бале, мева зи мева ранг гирад,
Зи хубон хубрӯ хубӣ пазирад.

**B)** Дастранҷи ту ҳалол аст туро,
Ғайри он ранҷу вубол аст туро.

**C)** Ғазабро бар оташ зан аз ҳилм об,
Макун бар баду неки гетӣ шитоб.

**D)** Шавқ агар қоиди роҳат нашавад,
Каъбаи васл паноҳат нашавад.

**1)** Хашмро бо таҳаммулу нармӣ хомӯш кун ва дар хубу нохуби олам оҳиста бош.

**2)** Агар хоҳишу иштиёқи зиёдро ҳамроҳ надошта бошӣ, наметавонӣ ба муроду мақсадҳои некат бирасӣ.

**3)** Бояд номусу шарофат дошта бошӣ ва аз ҳосили заҳмати бозуи худ нони дастархони худро муҳайё кунӣ.

**4)** Дар сухан гуфтан боандеша бош ва паҳлуҳои гуногуни ҳар калимаро баркашида, баъд онро баён кун.

**5)** Ҳар чизе аз ҳамнавъи худаш асар мепазирад ва инсони нек аз некон некӣ меомӯзад.

**24** **Муаллифи асарҳоро муайян кунед:**

**A)** “Дастархон”, “Расми сарбозӣ”

**B)** “Ҳамосаи дод”, “Гаҳвораи Сино”

**C)** “Ману дарё”, “Аввалу охири ишқ”

**D)** “Калиди бахт”, “Исёни хирад”

**1)** Бозор Собир

**2)** Лоиқ Шералӣ

**3)** Гулназар Келдӣ

**4)** Муъмин Қаноат

**5)** Мирсаид Миршакар

**25** **Муайян намоед, ки маълумоти додашуда дар бораи кадом достони Мирзо Турсунзода аст:**

**A)** Дар достон дӯстӣ ва ягонагии мардуми Иттиҳоди Шуравӣ дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар симои фарзандони халқи тоҷик ва украин тасвир ёфтааст.

**B)** Дар як рӯзи апрели соли 1953 дар ҳаёти шоир ду воқеаи муҳим рӯй медиҳад: зода шудани писараш ва ба Душанбе омадани устод Айнӣ, ки шоир ӯро пешвоз мегирад. Ин ду воқеа асоси мавзуи достон аст.

**C)** Дар достон ба ғайр аз мавзуи оила ва муносибатҳои оилавӣ мавзуи сулҳ, дӯстӣ ва ватанхоҳӣ низ мавқеи асосӣ дорад.

**D)** Дар достон тақдири таърихии табақаи меҳнатии тоҷик, тағйироти иҷтимоию фарҳангии Тоҷикистон дар солҳои 20-30-юми асри XX ба тасвир омадааст.

**1)** “Чароғи абадӣ”

**2)** “Писари Ватан”

**3)** “Ҳасани аробакаш”

**4)** “Ҷони ширин”

**5)** “Духтари муқаддас”

**!** **Лутфан, ба варақаи ҷавобҳо гузаронидани ҷавобҳоятонро фаромӯш накунед. Пур кардани варақаи ҷавобҳо ҳатмӣ аст.**

## ENGLISH LANGUAGE

**Read the text and choose the right answer 1-8.**

**Less Plastic**

Unilever is a big company that makes many products. It promised to reduce its use of new plastic by half by 2025.

Unilever is going to change the way its packages are made. It is going to reduce the new plastic that cannot be recycled, change to more reusable packages, and use more recycled plastic. It also wants to take in about 600,000 tons of plastic every year to process by 2025.

In 2025, Unilever hopes to use no more than 386,000 tons of new plastic. In 2018, it used 772,000 tons. It also wants all of its plastic to be reusable, recyclable, and ecological.

**1** **Unilever is a big … that produces many things.**

**A)** differentiation
**B)** experimentation
**C)** corporation
**D)** instrumentation

**2** **Unilever promised to … its use of new plastic by half in the near future.**

**A)** increase
**B)** intend
**C)** decrease
**D)** extend

**3** **The company wants to change the … of packages production.**

**A)** psychology
**B)** toxicology
**C)** physiology
**D)** technology

**4** **Recyclable plastic can be used again after special industrial …**

**A)** marketing
**B)** developing
**C)** providing
**D)** processing

**5** **In 2025, Unilever hopes to use no more than 386,000 tons of … plastic.**

**A)** non-essential
**B)** non-poisonous
**C)** non-existent
**D)** non-recyclable

**6** **Nowadays Unilever uses … plastic than in 2018.**

**A)** much
**B)** less
**C)** little
**D)** more

**7** **Unilever is going to produce only … products.**

A) non-processed
B) eco-friendly
C) non-alcoholic
D) economic

**8** **The story is about the company that wants to … ecology.**

A) poison
B) destroy
C) pollute
D) protect

**Read the text and choose the right answer 9-16.**

**Child labor**

__**9**__ children laborers around __**10**__ world __**11**__ busy doing extreme forms of work that are dangerous for __**12**__ health. They are also being robbed of their rights, including not only the right to __**13**__ to the highest level through education, but also the right to a __**14**__. They __**15**__ work as many as 12 hours a day, work under dangerous conditions such as factories with harmful smokes in the air, handle dangerous materials, and use tools and machines __**16**__ are not designed for them.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) Most | B) a lot | C) Much | D) lots |
| 10 | A) an | B) a | C) the | D) - |
| 11 | A) is | B) was | C) to be | D) are |
| 12 | A) their | B) themselves | C) they | D) them |
| 13 | A) developed | B) develop | C) developing | D) develops |
| 14 | A) children | B) childish | C) child | D) childhood |
| 15 | A) seldom | B) ever | C) often | D) never |
| 16 | A) which | B) when | C) why | D) where |

**17** **I am feeling good. If I … tired, I would have gone home.**

A) were
B) had been
C) have
D) has been

**18** **If Mary … the work by six o'clock, she will come to the party.**

A) finished
B) is finishing
C) finishes
D) have finished

**19** **She is becoming tired because she … to bed late.**

A) drinks
B) goes
C) smiles
D) eats

**20** **He cannot come out with us this evening. He … to work.**

**A)** has
**B)** must
**C)** might
**D)** could

**21** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** lie | **1)** a period from birth to death |
| **B)** life | **2)** a great comfort |
| **C)** love | **3)** a strong affection for another |
| **D)** luxury | **4)** an untrue statement |
| | **5)** an unhappy event |

**22** **Match the words in Column A with the synonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** problem | **1)** strength |
| **B)** power | **2)** activity |
| **C)** chance | **3)** difficulty |
| **D)** desire | **4)** wish |
| | **5)** opportunity |

**23** **Match the words in Column A with the definitions in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** success | **1)** the fact of getting or achieving wealth, respect, or fame |
| **B)** incident | **2)** an unexpected and usually unpleasant thing that happens |
| **C)** knowledge | **3)** knowledge or study of the natural world |
| **D)** science | **4)** the fixed period of time |
| | **5)** information, understanding, or skill that you get from experience or education |

**24** **Match the words in Column A with their antonyms in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** lazy | **1)** wide |
| **B)** loud | **2)** temporary |
| **C)** narrow | **3)** heavy |
| **D)** permanent | **4)** hardworking |
| | **5)** quiet |

**25** **Match the sentences in Column A with their continuations in Column B.**

| Column A | Column B |
|---|---|
| **A)** It took a lot of time | **1)** but I cannot eat. |
| **B)** When we were children, | **2)** on my trip. |
| **C)** I had many experiences | **3)** to write my composition. |
| **D)** Even I was sick, | **4)** we raised a lot of chickens. |
| | **5)** I went to work. |

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 1-8.**

**Ein junger Briefträger**

Ein junger Briefträger musste einmal sehr viele Briefe austragen. Als er endlich zurückkam, fragte ihn der Postmeister: „Hast du alle Briefe ausgetragen?“ „Ja, gewiss“, antwortete der Junge. „Hast du auch den Brief für Ernst Schmidt abgegeben? Hast du den Mann endlich gefunden?“ „O ja, das habe ich gemacht. Es war ja nicht leicht. Ernst Schmidt wohnt nicht in der Gartenstraße, wie es auf dem Briefumschlag steht, sondern in der Bergstraße, und auch nicht links, sondern rechts, und auch nicht im dritten Stock, sondern in der zweiten Etage. Er heißt gar nicht Ernst Schmidt, sondern Erna Schuster!“

(Saifullojew Ch. Deutsch 8)

**1** **Ein junger Briefträger musste … sehr viele Briefe austragen.**

**A)** nie
**B)** vor zwei Tagen
**C)** einst
**D)** niemals

**2** **Hast du auch den Brief für Ernst Schmidt … ?**

**A)** empfangen
**B)** nicht abgegeben
**C)** ausgehändigt
**D)** nicht geliefert

**3** **Hast du den Mann… gefunden?**

**A)** gestern
**B)** vor drei Tagen
**C)** vorgestern
**D)** letztendlich

**4** **Es war … für den Briefträger die Adresse von Ernst Schmidt zu finden.**

**A)** nicht schwer
**B)** unkompliziert
**C)** nicht kompliziert
**D)** schwer

**5** **Ernst Schmidt wohnt im … Stock.**

**A)** 4.
**B)** 3.
**C)** 1.
**D)** 2.

**6** **Der junge Briefträger hat den Brief … .**

**A)** niemandem gegeben
**B)** an die falsche Adresse geliefert
**C)** ihm persönlich gegeben
**D)** keinem abgegeben

**7** **… war gar nicht Ernst Schmidt, sondern Erna Schuster.**

**A)** Seine Adresse
**B)** Sein Name
**C)** Seine Straße
**D)** Sein Wohnort

**8** **Worum geht es in diesem Text?**

**A)** um einen erfahrenen Briefträger
**B)** um die Familie von Ernst Schuster
**C)** um die Familie von Erna Schmidt
**D)** um einen unerfahrenen Briefträger

**Lesen Sie bitte den Text. Wählen Sie danach die richtige Antwort aus 9-16.**
**Die Olympischen Spiele**

Die Olympischen Spiele haben __**9**__ Ursprung in Griechenland. Damals gab es nur __**10**__ Wettrennen durch das Stadion. Doch dann wurden die __**11**__ immer größer und wichtiger. Stellenweise dauerten __**12**__ fünf Tage und umfassten neben Sportarten wie Leichtathletik, Kraftsport und Reiten auch andere Wettbewerbe, zum Beispiel in der Rhythmik, Rhetorik oder Dichtkunst.

Die Spiele hatten einen __**13**__ Hintergrund, sie waren __**14**__ Göttervater Zeus gewidmet. Deshalb wurden sie __**15**__ einem Umzug zum Zeus-Tempel eröffnet, in dem die Athleten schwören mussten, tolerant und fair zu spielen. Die Sieger __**16**__ einen Kranz aus Olivenzweigen und ein Stirnband.

(Deutsch 5. bis 10. Klasse. Duden, 150 MP3-Diktate.Dudenverlag Berlin. Mannheim. Zürich.2013)

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | **A)** ihren | **B)** ihre | **C)** ihrem | **D)** ihres |
| 10 | **A)** eines | **B)** eine | **C)** ein | **D)** einem |
| 11 | **A)** Spiel | **B)** Spiels | **C)** Spieles | **D)** Spiele |
| 12 | **A)** sie | **B)** er | **C)** du | **D)** ich |
| 13 | **A)** theologischer | **B)** theologischen | **C)** theologischem | **D)** theologische |
| 14 | **A)** die | **B)** der | **C)** das | **D)** dem |
| 15 | **A)** ans | **B)** für | **C)** mit | **D)** ins |
| 16 | **A)** bekamen | **B)** bekamst | **C)** bekommst | **D)** bekommt |

**17** **Ich freue mich … das Geschenk.**

**A)** über
**B)** ins
**C)** aufs
**D)** beim

**18** **Was … Manu und Anne am Abend?**

**A)** machst
**B)** machtest
**C)** machen
**D)** macht

**19** **… ist jemand, der Kinder unterrichtet.**

**A)** Ein Fahrer
**B)** Ein Lehrer
**C)** Ein Fischer
**D)** Ein Friseur

**20** **Guten Tag, was … ich für Sie tun?**

**A)** kann
**B)** können
**C)** konnten
**D)** kannst

**21** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Mutter | **1)** Braut und Bräutigam zusammen am Tag der Hochzeit |
| **B)** Brautpaar | **2)** Eltern des Ehepartners |
| **C)** Geschwister | **3)** Kinder derselben Eltern |
| **D)** Schwiegereltern | **4)** Frau, die ein oder mehrere Kinder geboren hat |
| | **5)** Tochter des Sohnes oder der Tochter |

**22** **Was passt? Finden Sie Wörter mit ähnlicher oder gleicher Bedeutung.**

| | |
|---|---|
| **A)** Ökonomie | **1)** Umweltlehre |
| **B)** Ökologie | **2)** Biologie |
| **C)** Geografie | **3)** Wirtschaftskunde |
| **D)** Historie | **4)** Geschichte |
| | **5)** Erdkunde |

**23** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Liegt das Haus im Zentrum? | **1)** Nein, in einem Vorort. |
| **B)** In welchem Stock liegt die Wohnung? | **2)** Im vierten. Aber es gibt einen Fahrstuhl. |
| **C)** Ist die Wohnung möbliert? | **3)** Sie wird in vier Wochen frei. |
| **D)** Ab wann könnte ich die Wohnung mieten? | **4)** Ja, und er ist auch sehr nett. |
| | **5)** Nein, aber die Küche ist komplett mit Kühlschrank und Herd eingerichtet. |

**24** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** 3:15 Uhr | **1)** Es ist fünf (Minuten) vor vier. |
| **B)** 3:25 Uhr | **2)** Es ist fünf (Minuten) nach drei. |
| **C)** 3:55 Uhr | **3)** Es ist Viertel vor drei. |
| **D)** 3:05 Uhr | **4)** Es ist Viertel nach drei. |
| | **5)** Es ist fünf (Minuten) vor halb vier. |

**25** **Was passt? Ordnen Sie bitte zu.**

| | |
|---|---|
| **A)** Wo hast | **1)** ihre Kinder sind auch sehr nett er. |
| **B)** Ich | **2)** können den Bus nehmen. |
| **C)** Wir | **3)** du die Sommerferien verbracht? |
| **D)** Max | **4)** bin zu meinen Freunden gefahren. |
| | **5)** geht morgens früh in die Praxis und kommt abends spät nach Hause. |

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 1-8.**

**Un gros chien vilain**

Dans un petit salon, un chien dormait en rond dans une corbeille rouge. Une chatte, de rue, le vit par la fenêtre qui était ouverte.

Elle miaula si fort, tant elle était jalouse, qu'elle réveilla le chien. Il se leva d'un bond et, par la porte, il sortit. La panier était vide... mais la chatte s'en alla aussi.

Tout le long des trottoirs, sous un ciel nuageux, le chien marchait à l'aise ; mais la pluie commença, une goutte le mouilla, il n'aimait pas ça, il s'en retourna. En se dépêchant il pensait : sûrement la chatte par ce temps sera rentrée chez elle.

Mais il ne savait pas qu'elle vivait sans maison. Ni qu'elle était la mère de cinq petits chatons. Il ne savait pas qu'elle les avait appelés...

Et quand il arriva, mouillé et tout haletant dans le petit salon, ils étaient six dans son panier qui le regardaient. Le chien fut bien contrarié, mais il n'osa pas déranger tous ces jolis bébés. Et sur le sol, il s'est couché à côté.

**1** **Dans un petit salon, dans une corbeille rouge dormait ... .**

**A)** une chatte
**B)** un chien et une chatte
**C)** un chien
**D)** cinq petits chatons

**2** **Pour réveiller le chien, la chatte ... .**

**A)** est entrée par la fenêtre
**B)** se leva
**C)** miaula
**D)** est entrée par la porte

**3** **Le chien se leva d'un bond et ... .**

**A)** s'est couché dans une corbeille rouge
**B)** réveilla la chatte.
**C)** alla chercher cinq petits chatons
**D)** alla chercher la chatte

**4** **Quand le chien sortit, ... .**

**A)** la chatte miaula très fort
**B)** la chatte était dans la rue
**C)** la chatte cherchait ses chatons
**D)** la chatte s'en alla déjà

**5** **Le chien se retourna ... .**

**A)** parce qu'il voulait rentrer chez lui
**B)** parce qu'il avait peur de chatte
**C)** parce qu'il avait cinq petit bébés
**D)** parce que la pluie commença

**6** **La chatte ... .**

**A)** n'avait que quatre petits chatons
**B)** avait cinq petits chatons
**C)** n'avait pas de petits chatons
**D)** avait cinq grands chatons

**7** **Quand le chien est arrivé au salon ... .**

**A)** dans son panier il a vu seulement la chatte

**B)** dans son panier il a vu la chatte et cinq chatons

**C)** le salon était fermé

**D)** son panier était encore vide

**8** **De qui ou de quoi s'agit-il dans ce texte ?**

**A)** D'un chien et ses bébés.

**B)** D'une chatte qui vivait seule dans la rue.

**C)** De cinq petits chatons.

**D)** D'un gros chien qui vivait au petit salon.

**Lisez le texte et choisissez une bonne réponse 9-16.**

**Un petit Paris chinois**

Cela ressemble __**9**__ tour Eiffel. En outre, cela __**10**__ à Paris. Cependant, il se trouve en réalité __**11**__ Chine, et c'est le deuxième par sa grandeur modèle de la tour Eiffel dans le monde.

En fait, __**12**__ développement entier était créé dans le style Parisien, qui insère le logement le domaine commercial, complet des sculptures et les fontaines.

Primordialement, construit à 2001, ces dernières années, plusieurs des places commerciales __**13**__ restées vides. Les concepteurs refusent de dire, combien de places vides __**14**__ ont, mais ils sont assurés que l'affaire de cœur chinois avec __**15**__ les objets européens verra __**16**__ Petit Paris de la Chine rempli de nouveau.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **9** | **A)** à la | **B)** au | **C)** du | **D)** de la |
| **10** | **A)** ressembles | **B)** ressemblent | **C)** ressemble | **D)** ressembler |
| **11** | **A)** de | **B)** dans | **C)** sur | **D)** en |
| **12** | **A)** ce | **B)** cette | **C)** cet | **D)** ces |
| **13** | **A)** est | **B)** sont | **C)** ont | **D)** es |
| **14** | **A)** elle | **B)** elles | **C)** il | **D)** ils |
| **15** | **A)** toute | **B)** tout | **C)** tous | **D)** toutes |
| **16** | **A)** un | **B)** – | **C)** une | **D)** des |

**17** **Je ... quand le téléphone a sonné.**

**A)** déjeunais

**B)** déjeune

**C)** déjeunerai

**D)** déjeunait

**18** **Les élèves attendaient ... professeur.**

**A)** leurs

**B)** ses

**C)** leur

**D)** son

**19** **Le livre que je lis, n'est pas très ... .**

**A)** intéressants
**B)** intéressant
**C)** intéressantes
**D)** intéressante

**20** **Il y a beaucoup de monde ... la rue.**

**A)** dans
**B)** de
**C)** sur
**D)** à

**21** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** l'eau
**B)** le livre
**C)** le soleil
**D)** le nuage

**1)** une source de la connaissance.
**2)** une source de la pluie.
**3)** une source de la lumière.
**4)** une source de la vie.
**5)** une source de la rivière.

**22** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Pierre est sans travail.
**B)** Nous avons subi un échec.
**C)** Lola était très obligeante.
**D)** Vos cheveux sont trop longs.

**1)** Nous avions un insuccès.
**2)** Elle doit les orner.
**3)** Il est chômeur.
**4)** Vous devez les couper.
**5)** Elle nous donnait des conseils utiles.

**23** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** Nous *allons écouter* la musique
**B)** Ils *viennent de revenir* de l'école.
**C)** Vous *avez lu* ce livre.
**D)** Aziza *parlera* français.

**1)** Futur immédiat
**2)** Passé immédiat
**3)** Futur simple
**4)** Imparfait
**5)** Passé composé

**24** **Associez les éléments de deux colonnes.**

**A)** A quelle heure
**B)** De quelle couleur
**C)** En quelle année
**D)** Combien de cours

**1)** sommes-nous ?
**2)** avez-vous aujourd'hui ?
**3)** achète-t-il une chemise ?
**4)** commence le spectacle ?
**5)** est ce crayon ?

**25** **Associez les antonymes de deux colonnes.**

**A)** détruire
**B)** arriver
**C)** naître
**D)** dire

**1)** parler
**2)** mourir
**3)** construire
**4)** partir
**5)** se taire

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 8-1.**

**أَلْفِيلُ**

يَعِيشُ الْفِيلُ فِى بَعْضِ مَناطِقِ قارَّتِى إِفْرِيقِيا وَ آسِيا, وَ هُوَ حَيْوانٌ عُشْبِيٌّ, جِسْمُهُ ضَخْمٌ, وَ شَعْرُهُ قَلِيلٌ, وَ خُرْطُومُهُ طَوِيلٌ, يَتَناوَلُ بِهِ الْأَشْياءَ كالْيَدِ, وَ لَهُ سِنّانِ كَبِيرَتانِ مِنَ الْعاجِ, وَ أُذْنانِ ضَخْمَتانِ وَ أَطْرافٌ طَوِيلَةٌ غَلِيظَةٌ.

وَ الْفِيلُ أَكْبَرُ الْحَيْواناتِ الْأَرْضِيَّةِ, يَلْتَهِمُ كَمّياتٍ كَبِيرَةً مِنَ الْغِذاءِ وَ الْماءِ, وَ هُوَ يَقْضِي وَقْتاً طَوِيلاً فِى الْبَحْثِ عَنْ غِذائِهِ قَدْ يَصِلُ إِلىَ سِتَّ عَشْرَةَ ساعَةً يَوْمِيّاً, وَ يَنامُ مُدَّةً لا تَزِيدُعَلىَ أَرْبَعِ ساعاتٍ فِى كُلِّ أَرْبَعٍ وَ عِشْرِينَ ساعَةً.

وَ لِطُولِ هَذَا الْحَيْوانِ وَ قِصَرِ عُنُقِهِ يَسْتَخْدِمُ خُرْطُومَهُ وَسِيلَةً فِى أَغْراضٍ عِدَّةٍ, مِنْ بَيْنِها جَمْعُ الْغِذاءِ الَّذِى يُشْبِعُهُ وَ يَسُدُّ حاجَةَ جِسْمِهِ الضَّخْمِ.

وَ يَظُنُّ بَعْضُ النّاسِ أَنَّ الْفِيلَ يَشْرَبُ عَن طَرِيقِ خُرْطُومِهِ. وَ الصَّحِيحُ أَنَّهُ يَمْتَصُّ الْماءَ فِى خُرْطُومِهِ, ثُمَّ يَدْفَعُ بِهِ إِلىَ فَمِّهِ, لِيَرْوِىَ ظَمَأَهُ. وَ يَسْتَعْمِلُ هَذا الْماءَ أَيْضاً فِى غَسْلِ جِلْدِهِ وَ تَرْطِيبِهِ.

وَ يُعَوِّلُ الْفِيلُ عَلىَ خُرْطُومِهِ كَثِيراً فِى تَحَسُّسِ طَرِيقِهِ, وَ إِكْتِشافِ مَواضِعِ الْخَطَرِ, لِيَتَجَنّبَها كَما يَسْتَعْمِلُهُ فِى حَمْلِ الْأَشْياءِ الثَّقِيلَةِ, فَهُوَ قادِرٌ بِخُرْطُومِهِ الْقَوِيِّ عَلىَ حَمْلِ ما يَزِنُّ عِشْرِينَ قِنْطاراً.

وَ حاسَّةُ الشَّمِّ عِنْدَ الْفِيلِ قَوِيَّةٌ جِدّاً, فَإِذا رَفَعَ خُرْطُومَهُ إِسْتَطاعَ أَن يَتَصَيَّدَ أَيَّةَ رائِحَةٍ تَحْمِلُها نَسَمَةٌ عابِرَةٌ.

وَ قَد ثَبَتَ بالتَّجْرِبَةِ أَنَّ الْفِيلَ لَدَيْهِ الْقُدْرَةُ عَلىَ إِكْتِشافِ الْمِياهِ الْجَوْفِيَّةِ.

---

**1** **أَيْنَ يَعِيشُ الْفِيلُ؟**

**A)** فِى أُوربا؛

**B)** فِى آسِيا الْوُسْطىَ؛

**C)** فِى إِفْرِيقِيا وَ آسِيا؛

**D)** فِى أَمْرِيكا الشِّمالِيَةِ؛

---

**2** **ما أَهَمُّ ما يَتَمَيَّزُ بِهِ الْفِيلُ؟**

**A)** أَنَّ خُرْطُومَهُ طَوِيلٌ؛

**B)** أَنَّهُ يَأْكُلُ الْكَثِيرُ؛

**C)** أَنَّهُ حَيْوانٌ عُشْبِىٌّ؛

**D)** أَنْ شَعْرَهُ قَلِيلٌ؛

**3** **لِماذا يَلْتَهِمُ الْفِيلُ كَمياتٍ كَبِيرَةً مِنَ الطَّعامِ؟**

A) لِأَنَ شَعْرَهُ قَصِيرٌ ؛

B) لِأَنَّ ظَهْرَهُ كَبِيرٌ ؛

C) لِأَنَّ خُرْطُومَهُ طَوِيلٌ؛

D) لِأَنَّهُ أَكْبَرُ الْحَيْواناتِ الْأَرضِيةِ؛

**4** **كَمْ ساعَةً يَقْضِيها الْفِيلُ يَوْمِيًّا فِى الْبَحْثِ عَنْ طَعامِهِ؟**

A) ١٢ ساعَةً تَقْرِيبًا؛

B) ٦ ساعاتٍ تَقْرِيبًا؛

C) ١٧ ساعَةً تَقْرِيبًا؛

D) ١٦ ساعَةً تَقْرِيبًا؛

**5** **لِماذا يَسْتَخْدِمُ الْفِيلُ خُرْطُومَهُ كَثِيرًا؟**

A) لِأَنَّهُ يَشْرَبُ كَثِيرًا؛

B) لِأَنَّهُ يَأْكُلُ كَثِيرًا؛

C) لِأَنَّهُ جِسْمَهُ ضَخْمٌ؛

D) لِطُولِهِ وَ قَصْرِ عُنُقِهِ؛

**6** **ما أَهَمُّ جُزْءٍ فِى جِسْمِ الْفِيلِ؟**

A) عَيْنَيْهُ؛

B) خُرْطُومِهِ؛

C) أَرْجُلِهِ؛

D) ظَهْرِهِ؛

**7** **كَمْ قِنْطارًا يُمْكِنُ لِلْفِيلِ حَمْلُها بِخُرْطُومِهِ؟**

A) ٢٢ قِنْطارًا؛

B) ٢٠ قِنْطارًا؛

C) ١٢ قِنْطارًا؛

D) ٦٠ قِنْطارًا؛

| 8 | ما أَقْوى الْحَواسُّ الْمَوْجُودَةَ عِنْدَ الْفِيلِ؟ |
|---|---|

A) حاسَّةُ الذَّوْقِ؛

B) حاسَّةُ الْبَصَرِ ؛

C) حاسَّةُ السَّمْعِ؛

D) حاسَّةُ الشَّمِّ؛

**إِقْرَأْ النَّصَّ وَ اخْتَرِ الْجَوابَ الصَّحِيحَ 16-9.**

**يَتيمٌ**

كَانَ صَبِيٌّ __9__يَتيمٌ يَأْتي إِلَي الْمَدْرَسَةِ لِيَتَعَلَّمَ القِرَاءَةَ وَ الْكِتابَةَ. وَ فِي يَوْمٍ مِنَ __10__كَتَبَ لَهُ الْمُعَلِّمُ هَذِهِ الْقاعِدَةَ: "أَكْرِمْ __11__وَ أُمَّكَ" لِكَيْ يَكْتُبَ مِثْلَها فِي كُرَّاسِهِ. فَأَخَذَ الصَّبِيُّ الْكُرّاسَ وَ __12__بَعْضَ أَسْطُرٍ ثُمَّ تَرَكَ الْقَلَمَ وَ بَكَيَ. وَ صارَتْ __13__تَجْرِي عَلَيَ خَدَّيْهِ. ثُمَّ أَخَذَ يَكْتُبُ لَكِنَّهُ لَمَّا كَانَ يُفَكِّرُ فِي أَبِيهِ لَمْ يَقْدِرْ __14__يَضْبُطَ نَفْسَهُ. فَرَفَعَ صَوتَهُ بِالْبُكاءِ. فَقَالَ لَهُ الْمُعَلِّمُ مَالَكَ يَا إِبْنِي __15__جَرَي لَكَ؟ قَالَ لَا أَقْدِرُ أَنْ أَكْتُبَ عَلَيَ هَذِهِ الْقاعِدَةِ لِأَنَّي يَتِيمٌ مِنَ الْأَبِ فَأَرْجُ أَنْ تَكْتُبَ __16__غَيْرُهَا. فَرَقَّ قَلْبُ المُعَلِّمِ لَهُ وَ قَطَعَ مِنَ الْكُرّاسِ الْوَرَقَةَ الَّتِي حَرَّكَتْ فِي قَلْبِهِ الْحُزْنَ عَلَي أَبيهِ وَ كَتَبَ لَهُ غَيْرَهَا.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 9 | A) صَغِيرٌ | B) صَغِيراً | C) الصَّغِيرُ | D) صَغِيرٍ |
| 10 | A) يَوْمَيْنِ | B) يَوْمانِ | C) الأَيَّامِ | D) يَوْمٌ |
| 11 | A) أَبوكَ | B) أَبيكَ | C) أَبُكَ | D) أَباكَ |
| 12 | A) كَتَبَ | B) كَتَبَتا | C) كَتَبا | D) كَتَبَتْ |
| 13 | A) دُمُوعَهُما | B) دُمُوعَهُ | C) دُمُوعَهُنَّ | D) دُمُوعَهُم |
| 14 | A) إِذَنْ | B) كَيْ | C) لَنْ | D) أَنْ |
| 15 | A) أَيْنَ | B) مَتي | C) مَا ذَا | D) أَيُّ |
| 16 | A) لِي | B) لَكُم | C) لَنا | D) لَكَ |

| 17 | أُذْكُرْ فِى هَذِهِ الْأَفْعالِ مَصْدَرًا |
|---|---|

A) تَرْغِيبٌ

B) مَرْغُوبٌ

C) تُرَغِّبُ

D) يَرْغَبُ

**18** **عَيِّنْ الْافْعالَ الْآتِية فِى صِيغَةِ الْامْرِ**

A) حَدَّثَ

B) حَدَّثْتَ

C) حَدِّثْ

D) حَدَّثْتُ

**19** **عَيِّنِ الْفِعْلَ فِى صِيغَةِ الْمُضارِعَةِ مِنَ الْغائِبِ الْمُذَكَّرِ**

A) أَظْهَرُ

B) يَظْهَرُ

C) نَظْهَرُ

D) تَظْهَرُ

**20** **أذْكُرِ الشَّخْصَ الْمُخاطَبِ الْمُذَكَّرِ فِى هَذِهِ الْأَفْعال**

A) شَرِبْتَ

B) شَرِبْتِ

C) شَرِبَتا

D) شَرِبَتْ

**21** **إخْتَرِ الْجَوابَ الْمُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| A) مَدِينَةٌ | 1) الصِّفَةُ |
| B) نَيِّرَةٌ | 2) الْفِعْلُ |
| C) نَحْنُ | 3) الضَّمِيرُ |
| D) نامَ | 4) الإِسْمُ |
| | 5) الْحَرْفُ |

**22** **إخْتَرِ الْجَوابَ الْمُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

| | |
|---|---|
| A) قُمْ منْ... | 1) حَقِيبَةَ الْكُتُبِ |
| B) يا خَلِيلُ نَظِّمْ... | 2) نَصحَ والِدَتِكَ |
| C) حافِظْ علي... | 3) نَوْمِكَ مُبَكِّراً |
| D) عاوِنْ زَمِيلَكَ... | 4) عِنْدَ الْحاجَةِ |
| | 5) نِظافَةِ مَدْرَسَتِكَ |

**23** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** هَذا
**B)** أَكَلْتُ
**C)** الْخَوخُ لَذيذٌ
**D)** هَذا هُوَ

**1)** التُّفّاحُ
**2)** التُّفّاحَ
**3)** تُفّاحٌ
**4)** تُفّاحٍ
**5)** مِنَ التُّفّاحِ

**24** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** زَلْزَلَ
**B)** كَرَّ
**C)** سأَلَ
**D)** صامَ

**1)** الْمَهْمُوزُ
**2)** الْمُؤْتَلُ
**3)** الْجامِدُ
**4)** الصَّحِيحُ
**5)** الْمُضاعَفُ

**25** **إِخْتَرِ الْجَوابَ المُناسِبَ مِنَ الْعَمُودِ الْأَوَّلِ بِما يُناسِبُهُ فِى الْعَمُودِ الثّانِى**

**A)** جَلَسَ
**B)** ذَهَبَ
**C)** دَخَلَ
**D)** شَرِبَ

**1)** أُنْظُرْ
**2)** أُدْخُلْ
**3)** إِجْلِسْ
**4)** إِذْهَبْ
**5)** إِشْرَبْ